«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. ____________
«05» сентября 2022с.

# ХУЛОСАИ

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба рисолаи таҳқиқотии Ёров Акмал Боронович дар мавзӯи «Истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия, аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият (13.00.06.01 Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), илмҳои педагогӣ.

Рисолаи номзадии Ёров Акмал Боронович оид ба мавзӯи «Истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон» дар кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода карда шудааст, ки дар замони муосир яке масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад.

Унвонҷӯ Ёров Акмал соли 2013 факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ-ро бо ихтисоси "информатика-математика" ва соли 2015 магистратураи ҳамон донишгоҳро бо ихтисоси "информатик-барномасоз" (аъло) ва соли 2017 магистратураи донишгоҳи ПсковГУ-и Федератсияи Русия-ро бо ихтисоси "таҳсилоти электронии фосилавӣ" хатм кардааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ – Маҷидова Бибиҳафиза, д.и.п., профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин гардидааст. Дар давоми омодасозии диссертатсия Ёров Акмал унвонҷӯи (аспиранти шуъбаи ғоибона) кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, солҳои 2013 то ҳол дар вазифаҳои гуногун дар донишгоҳи мазкур фаъолияти пурсамар намудааст.

Диссертатсияи таҳқиқотчӣ Ёров Акмал ба омӯзиши ташаккули таълиму тарбия бо истифодаи технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ дар

баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ бахшида шудааст.

Тавре, ки таҷриба нишон медиҳад ва таҳқиқоти педагогӣ тасдиқ мекунад, волидон афзалияти муассисаи томактабиро дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ эътироф мекунанд, аммо иштироки худро раванди педагогӣ муҳим намешуморанд. Аз ҷониби дигар мураббиён нақши оиларо кам қадр мекунанд ва саъй намекунанд, ки бо падару модарон дар бобати таълим ва тарбияи фарзанд дар ҳамкорӣ бошанд, бинобар ин онҳо фикру мулоҳизаҳоро дуруст ташкил намекунанд ва аз таъсири оила дар тарбияи кӯдак ба таври кофӣ истифода намебаранд.

Ҳамин тариқ, шароити мувофиқи таҷрибаҳои гузаронидашуда таъсири технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ нисбат ба дигар воситаҳои таълимии муҳити атроф ба кӯдакон таъсироти зиёдтар дорад. Дар ҳалли мушкилоти зерин дар ҳамбастагӣ метавон натиҷае ба даст овард.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** диссертатсиониро таҳқиқоти олимони хориҷӣ (Л.С. Виготский, Д.Б. Элконин, Н.Н. Подяков, Л.И. Божович, А.В. Запорожетс, В.И. Логинова ва дигарон) ва ватанӣ (М. Лутфуллоев, Л.М. Иматова, Б. Маҷидова, З.Ш. Қурбонова, Г. Қурбонова ва дигарон) дар бораи ба нақши давраи томактабӣ дар тарбия, таълим ва инкишофи шахсияти кӯдакон; таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ оид ба истифодабарии ТИИ дар фаъолияти муассисаҳои томактабӣ (Л.Л. Габдулисламовна, Т.Ф. Габай, Е.В. Зворигина, С,Л. Новоселова, Ю.М. Годвитс, И.Ю. Пашилитс ва дигарон), истифодабарии ТИИ дар низоми роҳбарӣ ва идоракунии муассисаҳои томактабӣ (В.Г. Алямовская, О.Л. Князева, Р.М. Литвинова, Л.В. Поздняк, Р.Б. Стеркина, Р.М. Чуличева, В.С. Собкин ва дигарон) ташкил намуданд.

**Объекти таҳқиқот** – технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ, ки дар раванди таҳсилот дар муассисаҳои томактабӣ мавриди истифодабарӣ қарор мегиранд.

**Предмети таҳқиқот** – шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти кормандони муассисаҳои томактабӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти кӯдакони синни томактабӣ.

**Фарзияи таҳқиқот** – аз мақсади он чунин бармеояд истифодабарии ТИИ ва баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон ҳамон вақт таъмин мегардад агар:

-мураббияҳо, роҳбарони муассисаҳои томактбӣ оид ба технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии муосир маълумоти бештар ва зарурӣ дошта бошанд;

-дар раванди истифодабарии ТИИ хусусиятҳои синнусоли ва имконияту нерӯи омӯзишии кӯдаконро дуруст ба ҳисоб гирифта тавонанд;

-усулҳои истифодабарии ТИИ-ро дар раванди кори таълиму тарбиявӣ донанд ва онҳоро вобаста ба шароиту имкониятҳо бо таври эҷодӣ таъмин карда тавонанд;

-ҳангоми истифодабарии ТИИ бехатарии саломатии равонию ҷисмонии кӯдаконро таъмин намоянд;

-мунтазам сатҳи дониш, маҳорату малакаҳои касбии мураббиёну дигар кормандони педагогӣ оид ба мақсаду вазифаҳо ва роҳу усулҳои истифодаи ТИИ такмил дода шаванд.

Бо назардошти масъала, объект, предмет, мақсад ва фарзияҳо ***вазифаҳои*** *зерини таҳқиқот муайян карда шуданд:*

-таҳлилу баррасии таҳқиқотҳои илмӣ, технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ дар тамаддуни муошират, воридшавии онҳо ба истифодабарӣ дар иттилооти қонунии ҷомеа ва муассисаҳои таҳсилотӣ;

-муайян намудани имкониятҳои иҷтимоӣ-педагогии муассисаҳои томактабӣ барои истифодабарии ТИИ дар раванди ташкилу баргузории фаъолияти таҳсилотии кӯдакон мувофиқи талаботҳои синну солии онҳо;

-пешниҳод намудани қоидаҳо ва усулҳои истифодабарии ТИИ ба кормандони муассисаҳои томактабӣ;

-бо таври амалӣ нишон додани нақш ва ҷойгаҳи ТИИ дар раванди омӯзиши кӯдакони синни калони томактабӣ;

-ошкор кардани арзишмандии истифодабарии ТИИ дар раванди фаъолияти донишомӯзии кӯдакон;

-дар асоси баҳисобгирии дастовард ва мушкилотҳои истифодабарии ТИИ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ коркард ва пешниҳод намудани тавсияҳои педагогӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқотро** хулосаҳои зайл ташкил медиҳанд:

1. Дар илми педагогика ва таърихи низоми таҳсилотӣ дар Тоҷикистон масъалаи истифодаи ТИИ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бори нахуст мавриди таҳқиқоту баррасӣ қарор гирифтааст.
2. Мазмуну муҳтавои фаъолияти кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ роҷеъ ба истифодабарии ТИИ барои баланд бардоштани

сифат ва самаранокии таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ то андозае мукаммалтар баён шудааст.

3. Тамоилҳои асосии самарабахшии ТИИ дар азхудкунии ҳаҷми муайяни донишу малакаҳо тибқи талаботҳои заминаҳои барномавӣ-методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ арзёбӣ гардидааст.
4. Сатҳи салоҳиятмандии кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ барои мақсаднок истифода бурдани ТИИ дар таълиму тарбияи кӯдакон муайян гардида, барои самарабахшию фаъолияти таълимии онҳо намунаҳои мавод барои истифодабарӣ пешкаш карда шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз имконпазирии истифодабарии ТИИ низоми коркардшудаи иҷтимоӣ-педагогии баландбардории сифату самарбахшии кори таълиму тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ иборат мебошад, ки он ба мураббиён имкония медиҳад то ки, мушовирону равоншиносон ва сарварон гунаҳои (вариантҳои) гуногуни маводҳои таълиму тарбиявии электрониро таҳия намоянд, аз манбаҳои сомонаҳои иҷтимоӣ, шабакаи Интернет истифода бурда, табодули маводу андешарони намоянд, аз таҷрибаи ҳамдигар омӯзанд, бо волидони кӯдакону омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ робитаю ҳамкорӣ барқарор намуда, пешрафти кор ва болоравии салоҳияти касбии худро таъмин гардонанд. Маводҳои таҳиягардидаи кормандон ва тарзу усули истифодаи онҳо дар Шурои омӯзгорон ва Шурои методии муассиса мавриди таҳлилу баррасии ҳамкасбон гардад. Онҳоро дар сомонаи муассиса ҷойгир намуда, тариқи онлайн мубоҳисаҳо баргузор намоянд. Маводҳои таҳқиқотии мазкурро дар курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи таҳсилоти томактабӣ, машғулиятҳои амалӣ, тренингҳо дар раванди таълими фанҳои тахассусии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ, коллеҷҳои омӯзгорӣ мавриди истифодабарӣ қарор гиранд.

**Тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** чунинанд: натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар ҷаласаҳои кафедраи назария ва методикаи таҳсилоти томактабии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, Шурои методӣ ва омӯзгории муассисаҳои томактабии пойгоҳии ш. Душанбе, гузоришу маърузаҳо дар конференсияҳои анъанавии умумидонишгоҳии ҳарсола, конференсияҳои илмӣ-амалии шаҳрию ҷумҳуриявӣ, курсҳои такмили ихтисос барои омӯзиши амиқи технологияи иттилоотию иртиботӣ ҳамчун воситаи таълимӣ, дар Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ш. Душанбе мавриди

баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтанд. Муҳтавои асосии таҳқиқотӣ дар даҳ адад мақолаи илмӣ, ки аз он чор адад мақолаҳои илмӣ маҷаллаҳои тақризии бонуфузи тасдиқнамудани КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури методӣ барои кормандони муассисаҳои таҳсилотӣ "Усулҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ", Душанбе, соли-2021.-111с, ки ба мутахассисони соҳаи томактабӣ пешниҳод гардидааст.

Ҳоло сухан ба унвонҷӯ Ёров Акмал Боронович барои маърӯза оид ба муҳтавои таҳқиқоти диссертатссионӣ дода мешавад.

Ёров Акмал оид ба мубрамияти мавзӯъ, сатҳи омӯзиши илмии мавзӯъ, мундариҷаи мухтасари бобу қисматҳои диссертатсия ва натиҷаи корҳои гузаронидаи озмоишӣ мухтасар маърӯза кард.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти илмӣ масъалаҳои рушди афкори фалсафӣ, педагогӣ, дар бораи баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифоади технологияи компютерӣ муҳим шуморида мешавад.

Объекти таҳқиқот – технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ, ки дар раванди таҳсилот дар муассисаҳои томактабӣ мавриди истифодабарӣ қарор мегиранд.

Предмети таҳқиқот – шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти кормандони муассисаҳои томактабӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти кӯдакони синни томактабӣ.

Фарзияи таҳқиқот – аз мақсади он чунин бармеояд истифодабарии ТИИ ва баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон ҳамон вақт таъмин мегардад агар:

-мураббияҳо, роҳбарони муассисаҳои томактбӣ оид ба технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии муосир маълумоти бештар ва зарурӣ дошта бошанд;

-дар раванди истифодабарии ТИИ хусусиятҳои синнусолӣ ва имконияту нерӯи омӯзишии кӯдаконро дуруст ба ҳисоб гирифта тавонанд;

-усулҳои истифодабарии ТИИ-ро дар раванди кори таълиму тарбиявӣ донанд ва онҳоро вобаста ба шароиту имкониятҳо бо таври эҷодӣ таъмин карда тавонанд;

-ҳангоми истифодабарии ТИИ бехатарии саломатии равонию ҷисмонии кӯдаконро таъмин намоянд;

-мунтазам сатҳи дониш, маҳорату малакаҳои касбии мураббиёну дигар кормандони педагогӣ оид ба мақсаду вазифаҳо ва роҳу усулҳои истифодаи ТИИ такмил дода шаванд.

Бо назардошти масъала, объект, предмет, мақсад ва фарзияҳо **вазифаҳои** зерини таҳқиқот муайян карда шуданд:

-таҳлилу баррасии таҳқиқотҳои илмӣ, технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ дар тамаддуни муошират, воридшавии онҳо ба истифодабарӣ дар иттилооти қонунии ҷомеа ва муассисаҳои таҳсилотӣ;

-муайян намудани имкониятҳои иҷтимоӣ-педагогии муассисаҳои томактабӣ барои истифодабарии ТИИ дар раванди ташкилу баргузории фаъолияти таҳсилотии кӯдакон мувофиқи талаботҳои синну солии онҳо;

-пешниҳод намудани қоидаҳо ва усулҳои истифодабарии ТИИ ба кормандони муассисаҳои томактабӣ;

-бо таври амалӣ нишон додани нақш ва ҷойгаҳи ТИИ дар раванди омӯзиши кӯдакони синни калони томактабӣ;

-ошкор кардани арзишмандии истифодабарии ТИИ дар раванди фаъолияти донишомӯзии кӯдакон;

-дар асоси баҳисобгирии дастовард ва мушкилотҳои истифодабарии ТИИ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ коркард ва пешниҳод намудани тавсияҳои педагогӣ.

Инчунин, дар идома муҳаққиқ асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқотро нишон дода, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомадаро, ки дар диаграмма ва таблитсаҳо инъикос гардидаанд, ба ҳозирин муаррифӣ намуд. Баъд аз баромад ба саволҳои пешниҳодшудаи иштирокчиёни ҷаласа н.и.п. Қурбонова Г, н.и.п. Қурбонова З., ҷавобҳои муфассал дод.

Бояд қайд кард, рушди ҷомеаи муосир ва ташаккулёбии шахсиятро дар он бе технологияҳои пешрафта ва доимо рушду такомулёфтаи иттилоотӣ-иртиботӣ тасаввур кардан мушкил мебошад. Он таваҷҷуҳи аҳли башарро новобаста ба синнусол, ҷинсият, мавқеи иҷтимоӣ, дараҷаи рушди фарҳангию маънавӣ ба худ ҷалб намудааст. Новобаста ба мушкилотҳои иқтисодию иҷтимоии ҷомеа аз технологияҳои муосир хурду бузург истифода мебаранд, ки ин амал яке аз сарчашмаи дониш, рушди имкониятҳои ақлию зеҳнӣ, донистагирии олами иҳотакарда, вақтгузаронӣ (на ҳама вақт арзишманду мувофиқи матлаб), ворид шудан ба фазои ягонаи маърифаткунӣ ва бо таври фардӣ қабулсозии маҷмӯи маълумоту тасаввуротҳо дар ҳамаи синну соли инкишофёбии шахсият, аз он ҷумла кӯдакони синни томактабӣ

гардидааст. Чун мутахассиси соҳаи математика ва информатика Ёров А.Б. арзишмандии технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботиро дарк намуда мақсад гузошт самарабахшии онҳоро дар фаъолияти таълиму тарбиявии муассисаҳои таълимии томактабӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор диҳад. Ба ҳисоб гирифта шуд, ки давраи томактабӣ марҳилаи муҳим дар тарбия, таълим ва инкишофёбии шахсияти инсон буда бояд кӯдакон ҳануз аз ҳамин аём дониш, маҳорату малакаҳои ворид шудан ба олами тез тағйирёбандаю пешравандаи технологияи иттилоотӣ омода гарданд.

Сохтори рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва замима иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамият, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзӯи таҳқиқот муайян карда шудаанд, фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқот нишон дода шудаанд, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада инъикос гардидаанд, масъалаҳои дар ҳимоя тасдиқшаванда баён гардидаанд.

Барои расидан ба ҳадафи таҳқиқот ва ҳаллу фасли масъалаҳои гузошташуда методҳои пажӯҳишии зерин ба кор бурда шуданд: таҳлили назариявии адабиёти илмию методӣ; таҳқиқоти илмӣ; омӯзиши таҷрибаи педагогӣ; методҳои ташхисӣ; методҳои таҷрибагузории педагогӣ; методҳои пурсиш, таҳлил ва мушоҳида.

Дар боби аввал “Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ” зарурияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ҳамчун яке аз воситаҳои арзишманди раванди кори таълиму тарбиявӣ тавсиф ёфта, пайдоиш ва рушди он таҳаввулоти бузург арзёбӣ гардидааст.

Дар таҳқиқотҳои олимон А. Билан, И Ковал, Е. Махеев, О, Пенасик атрофи илми технологияи иттилоотӣ-иртиботҳои баҳс баргузор гардида онҳо андеша доранд, ки маҳфумҳои “иттилоот” ва “дониш” айниятан як маъно тавзеҳ дода шуда, ибораҳои иттилоот-объективӣ ва дониш субективӣ нисбат дода шудаанд. Л.М. Лузина бошад технологияи иттилоотӣ-иртиботиро чун маҷмӯи василаҳо ва усулҳои табдили маълумот барои гирифтани иттилоти нисбатан нав эътироф шудааст.

Дар асри технологияҳои муосири электронӣ, ки он бо суръати тез инкишоф меёбад, мавриди таҳлилу истифодабарии хурду бузургсол мегардад дар фаъолияти таҳсилотии кӯдакон низ мавриди истифодабарӣ қарор гирифтааст. Айёми кӯдакӣ, ки он аз тарафи олимон (Д.Б Элконин)

давраи махсуси фарҳангӣ-таърихӣ, давраи махсуси ҳастии инсон (Д.Б. Фелдистип), асли нотакрор ва дорои рисолаи махсус (Ш.А. Аманошвили) давраи чун гуя ба чаман ҳавола будан (Н. Ганҷавӣ) арзёбӣ гардидааст, аз таъсири технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дур монда наметавонад. Дар ҷомеаи муосир аз ихтироъ гардидани телеграф, дастгоҳҳои сабтгарой, камераҳои нусхабардорӣ, радио, телевизион, мошинаҳои ҳисоббаро бо компютер, тахтаи электронӣ, проектор, сканер, чопгар, технологияҳои биометрикӣ, телефонҳои мобилӣ, планшет ва истифодабарии онҳо дар муассисаҳои таҳсилотӣ, ки яке аз воситаҳои омӯзиш ва баланд бардоштани сатҳу сифати дониш рушд додани қобилиятҳои ақлию зеҳнӣ ва эҷодкории кудакон гардидааст.

Дар муассисаҳои таҳсилотии Тоҷикистон воридшавии ТИИ дар асоси татбиқи “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” пайгирӣ карда шуда истодааст.

**Дар боби дуввум** “Таҳқиқи амалияи тадбиқи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон” вазъи истифодабарии технологияи муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, ки дар асоси он роҳу усулҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ таъмин карда мешаванд.

Иттилоотикунонии муассисаҳои таълимӣ бо гирифтани таҳсилоти босифат мусоидат менамояд ва он бояд сиёсати ягонаи илмӣ-техникӣ ва саноатии кишварро таъмин гардонад. Истифодабарии ТИИ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон ва талаботҳои барномавӣ-методии давлатӣ, психологӣ-педагогӣ ва бехатарии саломатии равонию ҷисмонии онҳо ба роҳ монда мешаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии раванди кор дар самти баландбардории самаранокии таълим ва тарбия бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар муассисаи томактабӣ ва оила истифода гардида, инчунин мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология, ва қарор гирад.

Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада масъалаҳои умумии истифодабарии ТИИ-ро дар муассисаҳои томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни

калони томактабӣ то андозае дар бар гирифт. Раванди воридшавии он ба зинаи аввали таҳсилотии кишвар марҳила ба марҳила идома дорад. Роҳу усулҳои истифодабарии ТИИ дар оянда рушду мукаммал хоҳад шуд ва ҷабҳаҳои гуногуни фаъолиятҳои таълимӣ, бозикунӣ, меҳнатиро кӯдакон роҳбарӣ ва идоракуниро такмил хоҳанд намуд. Дар ин замина барои таҳқиқотҳои нави педагогӣ, психологӣ шароитҳо ба вуҷуд омада, коркарду механизмҳои баланд бардоштани роҳу усул ва маромнокии кормандонро ба миён меорад, ба рушди имконият ва қобилияти эҷодии кормандону кӯдакон мусоидат менамояд.

**Мазмун ва муқаррароти асосии диссертатсия дар нашрияҳои зерин инъикос ёфтаанд:**

***I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи бонуфузи аз ҷониби КОА-и Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд:***

[1.М] Ёров А.Б. Нақши технологияҳои навини иттилоотиву иртиботӣ дар рушди низоми маориф // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2018. №1.- С.102-104.

[2.М] Ёров А.Б. Заминаҳои педагогӣ-психологии истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар таълими кӯдакони синни томактабӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2020. №2 (2). - С.78-83.

[3.М] Ёров А.Б. Аҳамияти технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба кӯдакони хурдсол // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2020. №1 (1). - С.155-160.

[4.М] Ёров А.Б. Истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълими муассисаҳои томактабӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.- 2021. №1 (1).- С.155-160.

***II. Дастури таълимӣ-методӣ***

[5.М] Ёров А.Б. Усулҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ. Душанбе. - 2021.-111с.

***III. Мақолаҳои дар нашрия ва дигар маҷаллаҳои конференсияҳои илмӣ нашр карда шудаанд.***

[6.А] Ёров А.Б. Масъалаи истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар Паёмҳои сарвари кишвар // Китоби даврии Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди XXX. "Истеъдод". Душанбе. - 2019.-С 328-334.

[7.А] Ёров А.Б. Назария ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар машғулиятҳои таълимии муассисаҳои томактабӣ // Мавод аз конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ бахшида ба 50 солагии

кафедраи Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ “Таҳсилоти томактабӣ: таҷриба, анъана ва навгониҳо” Душанбе. - 2019. - С 55-60.

[8.А] Ёров А.Б. Баландбардории сатҳи таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ бо истифодаи технологияҳои компютерӣ // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 70-солагии номзади илми физика-математика Ҳамидов Баҳриддин. Душанбе. - 2020.- С 32-34.

[9.А] Ёров А.Б. Таъсири бозиҳои компютерӣ ба ҳолати рӯҳӣ-эмотсионалии кӯдакон // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 70-солагии номзади илми физика-математика Ҳамидов Баҳриддин. Душанбе. - 2020.- С 41-44.

[10.А] Ёров А.Б. Нақши технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар ташаккули шавқу ҳаваси маърифатии кӯдакони синни калони томактабӣ // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Рушди таҳсилоти томактабӣ дар 30 соли Истиқлолият”. Душанбе. - 2021.- С 52-56.

[11.А] Ёров А.Б. Телефони мобилӣ ва таъсири он ба рушди психикии наврасон // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Рушди таҳсилоти томактабӣ дар 30 соли Истиқлолият”. Душанбе. - 2021. - С 43-47. (дар ҳаммуалифӣ)

Кори диссертатсионии Ёров Акмал Боронович дар мавзӯи “Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикитон)” кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида буда ба талаботҳои пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, № 505 ҷавобгӯ аст. Диссертатсияи мазкур сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.06.01- Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Диссертатсияи Ёров Акмал Боронович дар мавзӯи «Истифодабарии технологияи иттилоот-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон» ба талаботи КОА-и ҶТ, ба шифри 13.00.06.01 Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ мутобиқат мекунад ва ба ҳимоя пешниҳод мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи факултети педагогика суратҷаласаи № 1, аз 30 августи соли 2022 қабул шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
Иштирок  карданд  -  17 нафар.
Қарор бо як овоз қабул шуд.
«Тарафдор» -17 нафар.
«Зид»- нест.
«Бетараф»-нест.

Декани факултети  педагогика,
номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент, раиси Шӯрои олимони
факултети педагогикаи
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Ф. Давлатзода

Мудири кафедраи педагогика, психология ва
методикаи тарбияи томактабӣ, н.и.п.
З. Кенҷаева

Котиби илмии шӯрои
олимони факултети педагогика С. Тағоев

Суроға:  734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ,121.
Сомонаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ: www.tqpu.tj

Имзоҳои Ф. Давлатзода, З. Қурбонова,  С. Тағоев-ро тасдиқ мекунам.
и.в. Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ
А.Мустафозода ______________________________